**Ҳисоботи**
**директори литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон Исмоилзода Б.М. доир ба фаъолияти литсей дар соли 2018**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат шуморида, дар яке аз баромадҳояшон таъкид намуданд: «Ҳадафи асосии мо аз бунёди силсилаи таълимгоҳҳои президентӣ ин пеш аз ҳама, баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи насли наврас дар ҷумҳурӣ, фароҳам овардани шароити созгору мусоид барои хонандагони лаёқатманд буда, ба ин васила мо мехоҳем истеъдодҳои наврасу ҷавонро кашф ва тарбия намоем, ки онҳо дорои истеъдоду маҳорати илмомӯзӣ, маърифату донишҳои замонавӣ, инчунин ахлоқи ҳамида ва рафтори шоиставу намунавӣ бошанд».

Ин гуфтаҳо омӯзгорони литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистонро боз ҳам бештар водор месозад, ки дар ҷомеаи имрӯза дар назди онҳо масъулияти бештаре меистад. Бинобар он, бахри баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва маънавиёти насли наврас кӯшиш ба харҷ намуда, дар таълиму тарбия, соҳиби илму дониши амиқ ва соҳибҳунару соҳибкасб гардидани кӯдакони болаёқат азму талош меварзанд.

Муассисаи таълимӣ бо мақсади татбиқи Қонун ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон , Паём ва дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои мушоварai Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои муайянеро ба сомон расонд. Аз ҷумла, дар соли 2018 низ маъмурият дар якҷоягӣ бо омӯзгорони литсей фаъолияти хешро дар асоси Нақшаи дурнамо, нақшаи солона ва моҳона дар амал татбиқ намуда, пеш аз ҳама бо омӯзгорони соҳибтаҷриба ва ихтисосманд таъмин карда шуд.

Бо шарофати сиёсати хирадмандонаю дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи таълимии мо сол ба сол муҷаҳҳазтар гардида, шароити мусоиду муосир ва муҳити созгор бахри донишандӯзии шогирдон муҳайё мегардад.

Дар литсей 55 синфхонаи таълимӣ, 134 компютер, 21 адад проектор, 18 адад тахтаҳои синфии интерактивӣ, HUAWEI 19 адад, принтер 20 адад, 23-то ноутбук, 1-то сканер мавҷуд мебошад. Муассиса

бо хати шабакаи гармидиҳии марказонидашуда пайваст буда, аз соли 2017 то инҷониб ҳамаи бинои таълимӣ ва хобгоҳи литсей бо пуррагӣ бо гармӣ таъмин мебошанд. Дар литсей ошхона ва маркази тиббӣ амал менамояд. Ошхона дар дохили бинои таълимгоҳ ҷойгир буда, ҳар рӯз аз субҳ то шом фаъолият мекунад.

Дар литсей айни замон 93 нафар омӯзгор фаъолият менамояд. Дар соли таҳсили 2017-2018 6 нафар аз Федератсияи Русия ба коллективи омӯзгории мо шомил гардиданд, ки дар соли нави таҳсил миқдори онҳо ба 8 нафар расид. Инчунин, дар литсей 5 нафар мураббиёни хобгоҳ, 1 нафар роҳбари гурӯҳи олимпӣ ва 2 нафар мураббии синфҳои ибтидоӣ фаъолият менамоянд. Дар литсей 10 нафар омӯзгорони ҷавони собиқаи кории то 5 сола дошта фаъолият менамоянд.

Таҳсил дар литсей аз рӯи барномаҳои давлатӣ, ки барои литсейҳо ва мактабҳои президентӣ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, фаъолият намуда, нақшаи таълимии литсей дар асоси «Нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» аз рӯи равияи табиӣ-математикӣ таҳия гардида, соатҳои дарсӣ аз рӯи бахши давлатӣ ва бахши литсейӣ тақсим гардидааст. Ҳар сол вобаста ба талабот дар литсей дарсҳои иловагӣ ташкил карда мешаванд, ки дар ташкили онҳо барномаҳои давлатӣ, аз қабили «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020», «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» ба инобат гирифта мешавад.

Литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон хонандагонро аз синфи 1 то синфи 11-ум бо таълиму тарбия фаро гирифтааст, ки аз инҳо 540 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона муассисае мебошад, ки дар он таълим бо се забон(тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) ба роҳ монда шудааст. Дар зинаи аввали таҳсилот (синфҳои 1-4) таълим бо забони давлатӣ (тоҷикӣ) ва забони русӣ ба роҳ монда шудааст. Синфҳои ибтидоӣ 21 синфро (589 хонанда) дар бар мегирад, ки аз инҳо дар 11 синф (294 хонанда) таълимаш бо забони тоҷикӣ ва дар 10 синф (295 хонанда) таълимаш ба забони русӣ сурат мегирад.

Дар синфҳои 5-11 бошад, таълим бо забонҳои давлатӣ (тоҷикӣ), русӣ ва забони англисӣ ба роҳ монда шудааст, ки 27 синфро (748 хонанда) ташкил медиҳад, ки дар 12 синф (340 хонанда) таълимаш бо забони тоҷикӣ, дар 8 синф (210 хонанда) таълимаш бо забони русӣ ва дар 7 синф ( 198 хонанда) таълимаш бо забони англисӣ мегузарад.

Аз сентябри соли 2018 дар литсей якумин маротиба бо хоҳиши волидон синфи таълимаш бо забони англисӣ-русӣ ташкил карда шуд, ки фанҳои дақиқ бо забони англисӣ ва фанҳои гуманитарӣ бо забони русӣ омӯзонида мешаванд.

Омӯзгорони ин фанҳо 6 нафарро ташкил медиҳанд, ки ду нафари онҳо Браверман А.Е. (математика) ва Меликхуҷа Н. (физика) аз тарафи литсей ба давлати Кипр, ба курси махсуси 3 моҳаи забони англисӣ фиристода шуданд ва курси мазкурро бо муваффақият ба итмом расониданд. Ҳамин тариқ, айни замон дар литсей синфҳои таълимашон бо забони англисӣ бо омӯзгорони фаннӣ бо пуррагӣ таъмин мебошанд.

Бо мақсади муайян намудани сатҳи дониши хонандагон, фаъолияти омӯзгор, мониторингҳо, корҳои хаттӣ (санҷишӣ, амалӣ, лабораторӣ, тестӣ) гузаронида мешавад ва натиҷаи он дар Шӯрои педагогӣ ё ҷаласаҳои назди директор таҳлилу баррасӣ мегардад. Ҳамзамон дар литсей Гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот (ГИСТ) фаъолият менамояд, ки ҳар моҳ аз рӯи нақшаи солонаи худ санҷиши якчанд фан тариқи хаттӣ гузаронида мешавад ва натиҷаи он дар Шӯрои педагогӣ, ҷаласаҳои назди директор мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Дар литсей Маркази тестӣ амал мекунад. Дар Маркази тестии литсей дар ҳар як чоряк мониторингҳо, тестҳо аз фанҳои таълимӣ барои хонандагон гузаронида мешавад ва натиҷаи он ба роҳбарони синфҳо, омӯзгорони фаннӣ, ба падару модарон расонида мешавад.

Дар литсей аз рӯи ҷамъбасти баҳои чорякҳо ва нимсолаи якум ва дуюм донишандӯзии хонандагон дар Шӯрои педагогӣ, дар маҷлисҳои падару модарон натиҷагузорӣ шуда, дар ҷамъбасти ҳар як нимсола се синфи беҳтарин муайян гардида, бо тухфаҳои пулӣ сарфароз гардонида мешаванд. Инчунин, дар баробари муайян гардидани синфи беҳтарин синфҳои натиҷаи паст нишон дода низ мавриди баррасӣ қарор гирифта, чораҷӯӣ карда мешаванд.

**Баҳои сифати дониши хонандагон дар соли 2018**

**АЗХУДКУНӢ ВА СИФАТ**




Шӯрои педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ мақоми асосии худидоракунӣ буда, фаъолияти раванди таълиму тарбияро дар муассисаҳои таълимӣ ба танзим медарорад. Дар литсей-интернати президентӣ Шӯрои педагогӣ масъалаҳои муҳими самти таълиму тарбия мавриди баррасӣ қарор дода мешавад

Шӯрои методии муассисаи таълимӣ қисмати асосии хадамоти методии он мебошад. Он роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва омӯзгоронеро, ки дар фаъолияти эҷодкорӣ, тадкиқотӣ ҳавасманд мебошанд, бо мақсади коркарди сиёсати инноватсионӣ, муайянсозии стратегияи инкишофи муассисаи таълимӣ муттаҳид месозад.

Бо мақсади ҳар чӣ бештар расонидани ёрии методӣ бо омӯзгорони ҷавон дар баланд бардоштани маҳорати касбӣ ва педагогии онҳо дар литсей «Мактаби омӯзгорони ҷавон» ташкил карда шудааст, ки он аз рӯи нақшаи корӣ фаъолият мекунад ва ба омӯзгорони ҷавон пайваста ёрии методӣ мерасонад. Инчунин, омӯзгорони литсей аз роҳҳои гуногуни худомӯзӣ аз ҷумла, мутолиаи адабиёти назариявию методӣ, рӯзномаю маҷалла, таҳлили ҳаматарафаи корҳои хаттӣ, иштирок ба дарсҳои ҳамкасбон ва омӯхтани таҷрибаи пешқадам, суҳбат бо омӯзгорону мушовирон васеъ истифода мебаранд.

Президенти кишвар борҳо дар баромадҳои хеш таъкид бар он намудаанд, ки ба ҷиҳати ташкили курсҳои такмили ихтисос доир ба истифодаи технологияи иттилоотӣ, тахтаҳои электронӣ, кор бо компютер, баланд бардоштани сатҳи дониши кадрҳои соҳаи маориф чораҳои иловагӣ андешида шавад. Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 иброз доштанд, ки яке аз проблемаҳои муҳими соҳаи маориф ин нарасидани кадрҳои баландихтисоси педагогӣ, масъалаи худомӯзӣ ва

такмили ихтисос ба ҳисоб меравад. Маъмурияти литсей ҳамеша ба курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон аҳамияти муҳим дода, бахри баланд бардоштани савияи донишу малакаи омӯзгорон чораҳои аввалиндараҷа меандешад. Барои ба ин мақсад расидан, омӯзгорон ҳамеша аз курсҳои такмили ихтисос мегузаранд, семинари доимоамалкунанда, оиди масъалаҳои педагогика ва психология, курсҳои омӯзиши забонҳои давлатӣ, русӣ, англисӣ, технологияи иттилоотӣ барои омӯзгорон дар ҳар як таътил дар литсей амал менамояд. Инчунин, омӯзгорони литсей ҳамеша дар семинару курсҳои такмили ихтисоси шаҳрӣ ва сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ фарогир мебошанд.

Ҳамин тариқ, дар литсей:

| **Шумораи умумии омӯзгорон** | **Таҳсилот** | | | | | **Дараҷаи тахассусӣ** | | | | **Аълочии маорифи Тоҷикистон** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | олӣ | олии нопурра | миёнаи педагогӣ | миёнаи махсус | ғоибона мехонанд | олӣ | якум | дуюм | омӯзгор | |
| **93/65** | **92** | **1** | **-** | **-** | **-** | **47** | **19** | **14** | **13** | **15** |

Дар ҷаласаҳои Шӯрои методии литсей масъалаҳои_барномаю нақшаҳои тақвимӣ-мавзӯӣ барои дарсҳои бахши литсейӣ, фаъолияти гурӯҳҳои омодагӣ ба олимпиадаҳо ,таҳлили ҷанбаъҳои асосии методикаи таълими фанҳо дар таълими босалоҳиятт, тарзи гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ ва аҳамияти онҳо дар рушди ҷаҳонбинии ахлоқии хонандагон, истифодаи методҳои интерактивӣ (усулҳои ҳамкорӣ), сухбат, мубоҳиса ва нақшофарӣ дар ҷараёни таълим, самтҳои асосии омӯзиш, ҷамъбаст ва тарғиб намудани таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорон, омӯзиши роҳҳои фаъолгардонии хонандагон дар ҷараёни дарс, тарзи бо усули тестӣ ташкил ва гузаронидани натиҷагирӣ аз дониш, малака ва самаранокии таълим баррасӣ карда мешаванд

Дар литсей нақшаи корҳои тарбиявӣ бо назардошти иҷрои талаботҳои давлат дар асоси мақсад ва вазифаҳои «Консепсияи миллии тарбия» таҳия шудааст ва оиди тарбияи ғоявӣ, миллӣ, хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ, ватанпарастӣ ва ғайра чорабиниҳо пешбинӣ шуда, амалӣ мегардад.

Ҳамаи роҳбарони синфҳо дорои нақшаи корҳои тарбиявӣ мебошанд. Дар литсей дафтари баҳисобгирии корҳои беруназсинфӣ ташкил карда шудааст. Гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ роҳбарони синфҳо ва мураббиҳо зери назорати роҳбарияти таълимгоҳ қарор дорад.

Натиҷаи давомот дар ҷамъомадҳои синфӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, сабабҳои он муайян мегардад ва ба падару модарон ирсол мешавад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти муассисаи таълимӣ кори тарбиявӣ ба ҳисоб меравад, зеро инкишофи ҳаматарафаи хонанда вазифаи аввалиндараҷаи омӯзгор ҳисобида мешавад.

Ҳармоҳа, тибқи нақша-чорабинӣ корҳои тарбиявӣ аз рӯи 18 самти тарбия ба роҳ монда шудааст. Бо мақсади дар хонандагон тарбия намудани ҳисси худшиносӣ, худогоҳӣ, ватандӯстию хештаншиносӣ дар литсей ҳама ҷашнвораҳо, рӯзҳои таърихӣ хеле хотирмон қайд карда мешавад.

Дар литсей Созмони хонандагон ва Шӯрои духтарон амал менамояд, ки фаъолияти онҳо хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Созмони хонандагон фаъолияти худро дар 3 зина ба роҳ монда, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки аъзои он тавонад завқи хоҳиши худро дар он қонеъ созад, мавқеи худро бишносад ва тадбирҳои андешидаашро татбиқ намояд. Созмони хонандагон дар литсей бахшида ба рӯзҳои таърихию сиёсӣ ва ҷаяк қатор чорабиниҳоро

Мунтазам, хонандагони литсей тибқи нақшаи тасдиққардаи раиси Созмон навбатдор дар тамоми дохили литсей ва берун аз литсей навбатдор меистанд ва навбатдории худро дар китоби бақайдгирии навбатдорони Созмон ба кайд мегиранд.

- Санаи 30-юми март раиси Созмони хонандагони литсей-Ҳоҷиев Меҳроҷ бо хонандагони синфҳои 5-7 оид ба мавзӯи зарари телефони мобилӣ суҳбат гузаронид.
- Ҳар ҳафта раиси Созмон бо тамоми раисони Созмонихонандагони синфҳо маҷлис мегузаронад. Дар маҷлис тамоми масъалаҳо ҳал карда мешавад.
- Санаи 5-уми апрел дар МТМУ №70 семинар бо раисони Созмони хонандагони шаҳри Душанбе гузаронида шуд. Семинарро роҳбари Созмони хонандагони шаҳри Душанбе Комил Раҳимӣ гузаронид.
- Санаи 20-уми апрел бо роҳбарии раиси Созмони хонандагон озмун дар мавзӯи «Растаниҳои шифобахш» бахшида ба баҳори дилангез гузаронида шуд. Ғолибони озмун бо ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд

Хулоса, дар нимсолаи дуюми соли таҳсили соли 2017-2018 Созмони хонандагон хеле хуб кор ва фаъолият намуданд.

Сол ба сол сафи гирандагони стипендияи раиси ноҳия, раиси шаҳр ва гирандагони стипендияи президентӣ дар литсей меафзоянд:

**Гирандагони стипендияи президентӣ дар соли 2018:**

1. Ҳумоюни Маҳмадназар – синфи 10
2. Қурбонова Маҳваш – синфи 11
3. Қурбонова Фараҳноз – синфи 11

**Гирандагони стипендияи раиси шаҳр дар соли 2018:**

1. Аҳмадова Дилнура – синфи 10
2. Ғозиев Абдураҳмон- синфи 11

3. Зуҳурзода Муҳаммад- синфи 9
4. Кабирова Маҳноза- синфи 9
5. Қурбонова Камила- синфи 8
6. Қурбонова Маҳваш –синфи 10
7. Маҷидов Қадриддин- синфи11
8. Маҳмудов Шаҳром- синфи 11
9. Муҳаммадиқболи Усмон- синфи 10
10. Намозова  Томирис- синфи 8
11. Олимов Шерзод- синфи 8
12. Сафарова Сабрина- синфи 9
13. Саидов  Комрон- синфи 8
14. Сафаров Сафар- синфи 8
15. Раҳмонова Саёҳат- синфи 11
16. Раҳимов Масрур- синфи 7
17. Рашидов Азамат- синфи 8
18. Тағоев Ансор- синфи 7

**Гирандагони стипендияи раиси ноҳия дар соли 2018:**

1. Абдуллоева Матлуба  – синфи 10
2. Ваҳобова Малика- синфи 10
3. Кабирова Маҳноза- синфи 9
4. Қурбонова Фараҳноз- синфи 10
5. Қурбонова  Маҳваш- синфи 10
6. Муминова Бибихатича- синфи 10
7. Нуралиев Меҳрон –синфи 10
8. Наимова Ҳадиса – синфи 9
9. Саидова Муниса – синфи 10

Боиси хушнудиию сарафрозист, ки соли 2018 омӯзгори фанни химия Каримова Шаҳло Ҳалимовна барои хизматҳои шоёнаш дар таълиму тарбияи насли наврас бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф мушарраф гардид.

Чуноне ба ҳамагон маълум аст, яке аз нишондодҳои муҳими фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ин иштироки фаъолонаи хонандагон дар олимпиадаҳои гуногун мебошад. Дар литсей дар мувофиқа бо «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.06.2014, №353) дар Шӯрои педагогӣ барномаи дарозмуддати  «Кӯдакони болаёқат» тасдиқ карда шуд. Аз рӯи  ин барнома аз соли 2015 дар литсей ҳаракати олимпӣ амал менамояд ва ҳар соли нави таҳсил  гурӯҳҳои омодагӣ ба олимпиадаҳо ташкил карда мешаванд, ки роҳбарии гурӯҳҳоро омӯзгорони ботаҷриба аз литсей ва берун аз он ба зимма мегиранд. Дар аввали соли 2018 15 гурӯҳи омодагӣ ба олимпиадаҳо  амал менамуданд, дар сентябри соли 2018 бошад, аз рӯи 13 фан миқдори ин гурӯҳҳо ба 17 расид. Ба гурӯҳҳои омодагӣ ба олимпиадаҳо хонандагони синфҳои 5-11 шомиланд. Ҳар сол  миқдори  олимпиадаҳое, ки хонандагони литсейи мо ширкат менамоянд, дар сатҳи гуногун зиёд

шуда истодааст. Дар соли 2018 дар қатори дигар олимпиадаҳо олимпиадаҳои зерин дохил гардид:
- олимпиадаи лоиҳавӣ MIYIO дар Малайзия;
- олимпиадаи байналхалқӣ доир ба математика AMIT дар Ҳиндустон;
-олимпиада доир ба забони русӣ байни хонандагони давлатҳои ИДМ;
-фестивали байналхалқӣ доир ба техникаи роботҳо ва инжиниринг RoboLiga World- 2018 (Москва);
-олимпиадаи байналмилалӣ доир ба фанҳои дақиқ байни наврасон «Озмоишгоҳи тайёрии лаёқатҳо» («Лаборатория подготовки талантов»)

Моҳи январи соли 2018 дар ҷамъбасти олимпиадаи фаннии шаҳрӣ литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи нишондодҳо яке аз муассисаҳои беҳтарини шаҳр дониста шуд.

Дар олимпиадаи даставии ҷумҳуриявӣ литсейи мо дар байни мактабҳои президентӣ ва литсейҳо сазовори ҷойи сеюм гардид.

Дар соли 2018 миқдори ҷойҳои ифтихорӣ, ки хонандагони литсей дар олимипадаҳои гуногуни лоиҳавӣ соҳиб гардиданд, хеле афзуд, яъне дар соли 2017 миқдори ҷойҳои ифтихорӣ дар олимипадаҳои гуногуни лоиҳавӣ 8 ҷойро ташкил намояд, дар соли 2018 миқдори ҷойҳои ифтихорӣ ба 28 адад расид. Байни ин олимпиадаҳо бештар олимпиадаҳо аз фанни технологияи иттилоотӣ, химия, биология амал менамояд, ки муҳимияти ин фанҳо, азхудкунии технологияи иттилоотӣ ва инчунин тезонидани ихтироъкорӣ ва ҷорӣ намудани онро дар истеҳсолот Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2017 таъкид намуда буданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби ҷавононро ба фаъолияти ташаббускор яке аз амалҳои муҳим ҳисобиданд. Айни замон, дар литсей дар ҳамкорӣ бо ҶДММ “Империяи дониш” машғулиятҳои “Мактаби маҳорати ташаббускорӣ ва нотиқӣ” (“Школа предпринимательство и ораторского мастерство”) барои хонандагони синфи 8-10 ва «Арифметикаи рӯҳӣ» («Ментальная арифметика») барои хонандагони синфи 1-7 дар литсей амал менамояд.

Дар давоми таътили тобистона дар литсей гурӯҳҳои омодагӣ ба олимпиадаҳо фаъолият намуданд. Дар муқоиса бо таътили тобистонаи соли 2017, ки фақат гурӯҳҳои омодагӣ ба олимпиада аз фанни математика – 2 гурӯҳ ва химия амал менамуд, соли 2018 гурӯҳҳои омодагӣ ба олимпиадаҳо дар таътили тобистона аз рӯи фанҳои зерин фаъолият намуд:
- забони тоҷикӣ;
- забони англисӣ;
- география;
- биология;
- химия;
-математика;

- физика;
Ҳамин тавр, дар моҳҳои июл-август дар гурӯҳҳои омодагӣ ба олимпиадаҳо дар литсей 105 нафар хонандагон аз синфҳои 6-11 ҷалб карда шуда буданд.
Дар литсей ғайр аз ҳаракати олимпӣ боз аз соли 2013 гурӯҳи Академияи хурд амал менамояд, ки роҳбарии онро омӯзгори фанни биология **Саидасанова С.С. ба зимма дорад. Хонандагон ба ин Академия шомил буда, аз рӯи фанҳои химия, биология, география, тиб ва математика доир ба мавзӯъҳои гуногун лоиҳаҳои илмиро ба анҷом мерасонанд ва дар охири соли таҳсил дар конференсияи илмии** ҷумҳуриявӣ онро ҳимоя менамоянд. Хонандагон ғайр аз гирифтани дипломҳои дараҷаи 1, 2, 3-юм, инчунин унвони аъзои академияро мегиранд. Омӯзгор Саидасанова С.С. аз рӯи таҷрибаи хеш мегӯяд, ки ба Академияи хурд хонандагони на он қадар дониши хуб дошта низ бисёртар ҷалб мешаванд, аммо натиҷаҳои назаррасро нишон дода метавонанд.
Ҳамин тавр, ҳисоботи умумӣ- муқоисавӣ доир ба олимпиадаҳо чунин ба назар мерасад:

| **Номи олимпиада** | **Ҷ о й** | | | | | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1** | **2** | **3** | **Гран При** | **Ифтих.** | |
| Олимпиадаи ноҳиявӣ | 8 | 18 | 30 | | | 56 |
| Олимпиадаи шаҳрӣ | 6 | 7 | 23 | | | 36 |
| Олимпиадаи шаҳрӣ (Наврасон) | 1 | | 2 | | | 3 |
| ОЛИМПИАДАИ ҶУМҲУРИЯВӢ: | **5** | **4** | **6** | **2** | **5** | **17** |
| ОЛИМПИАДАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ: | **7** | **17** | **15** | **2** | | **41** |
| Фаннӣ: | **3** | **3** | **6** | **1** | | **13** |
| ЛОИҲАВӢ: | **4** | **14** | **9** | **1** | **0** | **28** |
| Форуми иттилоотии шаҳрӣ | 2 | | | | | 2 |
| Конференсияи илмии шаҳрӣ | 2 | | | | | 2 |
| Конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ | 11 | 5 | 1 | | | 17 |
| | | | | | | |
| Ҳамагӣ | **42** | **41** | **77** | **4** | **5** | **174** |

Маъмурият ва ҷомеаи меҳнатии литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша дар фаъолияти хеш сиёсати хирадмандонаю дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо ҳисси баланди

масъулиятшиносӣ дарк намуда, дар амалисозии он ҳамаҷониба саҳм мегузоранд ва кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар фаъолияти хеш гуфтаҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кори худ намуда, баҳри таълиму тарбияи шахсиятҳои соҳибилму боистеъдод ва хушахлоқи фарогири ҳамаи илмҳои замона камари ҳиммат банданд. Мавриди зикр аст, ки ташаккули нерӯи зеҳнии дорои ҷанбаи эҷодӣ, навоварию ихтироъкорӣ аз овони кӯдакиву наврасӣ оғоз гардида то ба охир идома меёбад. Сароғози ҳамаи эҷодкориҳо аз паси мизи мактабӣ ибтидо мегирад. Пас, моро зарур аст, ки барои миллату Ватан фарзандони эҷодкору тавоно ва шоистаи давру замонро ба воя расонем. Чуноне Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин мавrid мегӯянд: "Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад."

Ташаккури беканор ба диққататон!